# ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-055 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №5

Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз 29.08.2020, суратҷаласаи №19 оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос ба Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D051200- Омор, санаи 6 апрели 2020с, суратҷаласаи №11 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055, дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.), ки он дар асоси фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2019 таҳти №166 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Докторант Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 20 ноябри соли 1990 дар н. Ёвон, ҷамоати Г. Юсупова таваллуд шудааст. Соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ба ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дохил шуда, соли 2012 онро бо муваффаққият хатм намудааст. Аз соли 2013 то соли 2019 ба ҳайси ассистент, аз соли 2019 то айни ҳол ба сурати муаллими калон дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити ДДТТ фаъолият дорад.

Тӯли солҳои 2013-2015 дар шӯъбаи магистратура ва солҳои 2016-2019 дар шӯъбаи докторантураи назди ДДТТ ба ҳайси доктори фалсафа (PhD) таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**:– доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**- Амонова Дилбар Субҳоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

- **Солиев Назар Норович-** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори бахши тадқиқоти илмии “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ”-и Бонки миллии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда** – кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон. Тақризи мусбат, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент Буриева М.Ч. навишта шудааст, дар ҷаласаи кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон, санаи 03 июни соли 2020, суратҷаласаи №10 баррасӣ гардида, аз тарафи раисикунандаи ҷаласа н.и.и., дотсент Иматшоев З.Х. имзо гардида, аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Хайрзода Ш.Қ., санаи 5 июни соли 2020 тасдиқ гардидааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» кори илмию таҳқиқотии мустақил ба анҷомрасида дониста шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051200-Омор пурра мувофиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи муаллиф пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Ашуров Ф.М. Методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолӣ. / Э.Ш. Зарипов, Ф.М. Ашуров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дониш» – Душанбе 2018, №2 (250) -С. 92-98. (0,44 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,24 ҷ.ч.)

2. Ашуров Ф.М. Татбиқи моделҳои иқтисодӣ-оморӣ дар пешгӯии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот / Ф.М. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Душанбе «Тоҷир» 2018 / №3 (24) -С. 154-162 (0,5 ҷ.ч.)

3. Ашуров Ф.М. Уровень жизни и анализ изменения её показателей в Республика Таджикистан. / Ф.М. Ашуров, М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе 2018/№4 -С. 86-90. (0,3 п.л.), (автором 0,2 п.л.)

4. Ашуров Ф.М. Системаи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Қ.Х. Барфиев, Э.Ш. Зарипов, Ф.М.

Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе 2019/ №7-С. 182-187. (0,37 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.)

5. Ашуров Ф.М. Таҳлили омории тамоюл ва динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Қ.Х. Барфиев, Э.Ш. Зарипов, Ф.М. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Душанбе «Тоҷир» 2020 / №1 (30) -С. 63-67 (0,3 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,1 ҷ.ч.)

6. Ашуров Ф.М. Сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ. / Ф.М. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе 2020 /№3 -С. 84-89. (0,37 ҷ.ч.)

**Б) Дар дигар нашрияҳо:**

7. Ашуров Ф.М. Пешгӯии хароҷот ва таъсири он ба фаъолияти корхона. / Э.Ш. Зарипов, Ф.М. Ашуров // Масоили муҳими назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит Международной научно-практическогой конфренции 23-24 мая 2014 -С. 87-89. (0,2 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,1 ҷ.ч.)

8. Ашуров Ф.М. Исследование факторов влияющих на уровень развития предпринимательской деятельности в сфера услуг Республика Таджикистан. / Ф.М. Ашуров // Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита. VI Международной научно-практическогой конфренции 19-20 мая 2017 -С. 275-278. (0,25 п.л.)

9. Ашуров Ф.М. Статистические методы исследования уровня жизни насиления. / Ф.М. Ашуров // Развитие рынка финансовых услуг в Таджикистане и Польше. Материалы международной научно-практической дистанционной конференции 26-27 декабря 2017 года -С. 293-295. (0,18 п.л.)

10. Ашуров Ф.М. Методология статистического исследования социального развития сельской местности. / Ф.М. Ашуров // Маводҳои конфренсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028 ш. Душанбе, 18-23 июни соли 2018 -С. 244-245. (0,125 ҷ.ч.)

11. Ашуров Ф.М. Роль и значение доходы трудовых мигрантов в повышении уровня жизни населения. / Г.М. Рахимов, Ф.М. Ашуров // Материалы XVIII международной научно-практической конференции Академическая наука - проблемы и достижения 28-29 января 2019 г.

North Charleston, USA Том 2. -С. 101-108. (0,5 п.л.) (в соавторстве, автором 0,3 п.л.)

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Қодирзода Д.Б.-** Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Мутаасифона дар автореферат оид ба сабади истеъмолии аҳолӣ маълумот оварда нашудааст, гарчанде сатҳи зиндагии аҳолӣ аз рӯи ин меъёр низ баҳогузорӣ карда мешавад, лекин он мавриди таҳлил қарор дода нашудааст.

- Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо таҳрири дақиқ тавсия дода мешавад.

2. **Ризоқулов Т.Р.-** Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин:

- Мутаасифона дар автореферат таъсири дараҷаи саводнокии молиявии аҳолии деҳот ба даромади хонаводаҳои он инъикоси худро пурра наёфтааст.

- Дар татбиқи моделҳои оморию риёзӣ танҳо модели регрессияи бисёромила истифода бурда шудааст. Хуб мешуд, ки дар ин ҷода моделҳои гуногуни риёзӣ истифода бурда шуда, таҳлили самаранокии моделҳо оварда мешуд.

- Дар ҷадвалҳои овардашуда нишондиҳандаҳои оморӣ барои соли 2019 дида намешаванд, зеро, ки афзоиши солонаи аҳолии мамлакат дар соли 2018-2019 хело ҳам баланд буд.

3. **Ҳамдамзода Х.А.-** Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав бо эроди зерин:

Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо таҳрири дақиқ тавсия дода мешавад.

4. **Латышева М.А.-** Номзади илмҳои иқтисодӣ, корманди илмии лаборатория таҳқиқоти экологӣ-иқтисодии Институти захираҳои табии, экологӣ ва криологии шӯъбаи Сибири Академияи илмҳои Русия (ИЗТЭК ШС АИР) бо эроди зерин:

- Дар автореферат бо назардошти норасоиҳои имлогӣ, хатогиҳои шубҳанок ба назар намерасад.

5. **Облоқулов В.М.-** Номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба тарбия дар Донишкадаи кӯҳи-металургии Тоҷикистон бо эродҳои зерин:

- Дар гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи андозаи пулӣ (диаграммаи 3) даромади аҳолӣ аз ҳисоби воридоти маблағи муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ба таври муфассал дида баромада нашудааст.

- Дар таҳқиқоти буҷаи хонаводаҳои деҳот каҷхатаи Лоренс бо намуди функсияҳои математикӣ ифода ва таҳлил нагардидааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо дарназардошти ризоияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 октябри соли 2019 таҳти №286) ва пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба масъалаҳои омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти иҷронамуда аз ҷониби докторант:**

- **ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ** ва ташкилии омӯзиши иқтисодӣ-омории сатҳи зиндагии аҳолӣ омӯхта шуда, мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардида, шарҳи муаллифии мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолии деҳот пешниҳод гардидааст

- **усулҳои гуногуни** идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бо назардошти назарияҳои мавҷудаи консептуалӣ омӯхта шуда, бо истифодабарӣ аз методологияи таҳлили оморӣ, омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот муайян гардида, дараҷаи таъсири онҳо ошкор карда шуд;

- **дар натиҷаи** гузаронидани таҳлил омилҳои асосие, ки ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таъсир мерасонанд ва низоми нишондиҳандаҳои

маҷмӯии баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ, бо назардошти хусусиятҳои хоси аҳолии деҳот, пешниҳод гардиданд;

- **методологияи омории** арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот коркард карда шуда, дар заминаи он тафриқа аз рӯи даромад ва хароҷот миёни табақаҳои гуногуни аҳолии деҳот, нишондиҳандаи миёнаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот пешниҳод гардидааст;
- **тамоюли муосири** тағйирёбии ҳолати демографӣ дар деҳот таҳқиқ гардида, дараҷаи таъсири он ба сатҳи зиндагӣ муайян ва ошкор карда шуд, ки яке аз сабабҳои беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот, маҳз танзими равандҳои демографӣ мебошад;
- **модели иқтисодӣ-риёзии** таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолӣ коркард карда шуда, модели оптималӣ ва муносиб барои аҳолии деҳот пешниҳод гардид, ки ҳамчун заминаи асосии баланд бардоштани сатҳи он мусоидат менамояд. Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот низоми нишондиҳандаҳои таъсиррасон муайян карда шуда, дараҷаи таъсири онҳо ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, муқаррар гардид;
- **усули индексии** таҳлили омории аҳолии деҳот, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ татбиқ гардида, ҳаҷми истеъмоли мол ва хизматрасонӣ, бо назардошти тағйирёбии шумораи аҳолии деҳот, муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **асосҳои назариявию методии** таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асоскардашуда оид ба муаммоҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ, бахусус, аҳолии деҳот, нобаробарии иҷтимоӣ, тафриқаи иҷтимоӣ, фарқиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки сатҳи зиндагии онҳоро меомӯзад, фаро гирифтааст. Методологияи омории ҳисоби ин нишондиҳандаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар ин самт татбиқшаванда, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо дар таҳқиқи назариявии масъала истифода бурда шудаанд.
- **вобаста ба предмети таҳқиқот** усулҳои умуми илмӣ ва оморӣ, усули ҷамъбаст ва гурӯҳбандӣ, низоми нишондиҳандаҳои вариатсионӣ, усули таҳлили индексӣ, нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, каҷхатта, коэффитсиенти Ҷинӣ ва Лоренс, усулҳои таҳлили регрессионӣ ва

корреляттсионӣ, усули компонентҳои асосӣ, банизомдарории ҷадвалӣ, усулҳои графикӣ истифода бурда шудаанд.

- **асоснок шудааст, ки** дар адабиёти оморию-иқтисодӣ мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолӣ вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо тарзҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешавад, лекин ба ақидаи муаллиф, бо назардошти ғояи мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва консепсияҳои мавҷуда аз назари омор сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ин «Маҷмӯи категорияҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботҳои моддию маънавӣ ва иҷтимоии шахсонеро, ки дар деҳот истиқомат мекунанд, дар бар гирифтааст».

**Исбот карда шудааст,** ки ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот як қатор омилҳо таъсир мерасонанд ва модели иқтисодӣ-риёзии таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолӣ коркард карда шуда, модели оптималӣ ва муносиб пешниҳод гардид, ки ҳамчун заминаи асосии баланд бардоштани сатҳи он мусоидат менамояд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- **муқаррароти асосӣ** ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотнома оид ба татбиқ аз 30.05.2020 с.м. №5 ш. Душанбе, инчунин дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 28.04.2020 аз фанҳои омори соҳавӣ аз қабили: омори иҷтимоӣ, омори иқтисодӣ, омори аҳолӣ, омори сатҳи зиндагии аҳолӣ, омори нерӯи миллӣ, низоми ҳисобҳои миллӣ барои ихтисосҳои иқтисодӣ мавриди тадбиқ қарор дода шудаанд.

- **Натиҷаҳои** таҳқиқоти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун заминаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии механизмҳои арзёбӣ ва идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонад. Дар амалия, хусусан, дар низоми коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои шаҳру ноҳияҳои он барои арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот истифода бурда мешавад. Тавсияҳои амалӣ-назариявӣ барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва ниҳодҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот хело муҳим дониста мешаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- **назария** дар асоси муқаррароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, аз рӯйи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла оморшиносони хориҷию ватанӣ, ки ба таҳлили омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва омӯзиши нишондиҳандаҳои он машғул шудаанд, мувофиқ мебошад.

- **назарияҳои асосӣ ва таҳлилҳо** бо маводҳои дастурҳо, Паёмҳои солонаи Президенти кишвар, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, барномаҳо ва Стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳқиқоти буҷаи хонавода, маълумоти омории маҷмӯаҳо, барӯйхатгирии аҳолӣ ва дигар нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии СММ, Кумитаи омори байнидавлатии ИДМ, ҳисоботҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Созмони ҷаҳонии меҳнат, маводи чопӣ ва электронии ВАО ва дигар маълумотҳои муаллиф, маводи илмии конфронсҳо ва ғайра асоснок шудааст.

- **истифодаи ғояи асосии диссертатсия** ба андешаи олимони соҳаи омор, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти таҳқиқот ва арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад.

- **коркарди** тавсияҳои илмӣ оид ба рушди ҷараёни навоварӣ имконияти пешрафти иқтисодиро таъмин намуда, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии докторант дар он зоҳир мегардад, ки:**

- саҳми шахсии муаллиф аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба арзёбӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот иборат аст, ки усулҳои омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, коркард, таҳлил ва пешниҳоди хулосаҳоро аз натиҷаи таҳқиқоти оморӣ дар бар гирифтааст;

- натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудааст (санади татбиқ аз тарафи Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2020 с.м.№5

ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, аз 28.04.2020.с) илова карда мешавад;

- мукаррароти асосии диссертатсия дар 11 корҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 3,53 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти муаллиф солҳои 2016-2020 дар маводи конфренсияҳои илмию амалии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон рӯи чоп омадаанд.

Дар ҷаласа 29.08.2020 шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор ба Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич қарор қабул намуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои умумии шӯро «12»- нафар, аз ҷумла «4»- нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз «12»- нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор «12»- нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.Ф. Низомов**

**И.в.котиби илмии шӯро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.С. Мирзоев**

**29.08.2020.**